Бо фармоиши Вазири
наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 12 » « 02 » соли 2026, № 28
тасдиқ карда шудааст.

**Дастурамали**
мансабии Сардори Раёсати корҳои
Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Номи мансаб – сардори Раёсати корҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1.2 Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи 1 мансуб аст.

1.3 Сардори Раёсати корҳо- (минбаъд - сардори Раёсат) аз тарафи вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - вазир) дар асоси озмун бо риояи талаботи тахассусӣ тибқи тартиби муқаррааргардида ба мансаб таъин ва озод карда мешавад.

1.4 Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

1.5 Ба ишғолкунандаи мансаби мазкур муовини сардори Раёсат-сардори Шуъбаи коргузорӣ ва назорат, сармутахассисони 1,2,3,4, мутахассиси пешбар ва мутахассиси Раёсат тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

1.6 Дар набудани сардори Раёсат муовини сардори Раёсат метавонад мансаби сардори Раёсатро иваз намояд.

1.7 Сардори Раёсат бо роҳбарони воҳидҳои сохтории Вазорат, воҳидҳои сохтории ҳудудии он, воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти фаъолияти Раёсат ҳамкорӣ менамояд.

## 2. Талаботи тахассусӣ

2.1 Барои ишғолкунандаи мансаби сардори Раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии гуманитарӣ, ҳуқуқшинос, иқтисодчӣ;
- 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- 7 сол собиқаи хизмати давлатӣ ва ё 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ категорияи 2;
- донистани забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабиашро ба танзим медароранд;

- донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- донистани таърих ва фарҳанг ва муқаддасоти миллӣ;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

- малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ;

-дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. Ҳуқуқҳо

3.1 Сардори Раёсат дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ заруриро бо тартиби муқарраргардида талаб карда гирад;

- дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти Раёсат дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

- маводҳои дар ихтиёри Вазорат қарордоштаро омӯзад;

- бо тартиби муқарраргардида иҷрои масъалаҳои таҳти назорати Раёсат қарордоштаро аз мақомоти дахлдор ва ё шахсони мансабдор талаб намояд;

- бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои уҳдадориҳои мансабиаш заруриро талаб карда гирад;

- ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳоро, ки ба фаъолияти Раёсат дахл доранд, ташкил намояд;

- ҷиҳати таҳкими фаъолияти Раёсат таклиф пешниҳод намояд;

- оид ба таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти Раёсат дахлдошта, таклифҳо пешниҳод намояд;

- дар бораи ҳавасмандгардонӣ ё ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони Раёсат ба вазир таклиф пешниҳод намояд;

- Раёсатро дар муносибат бо дигар воҳидҳои сохтории Вазорат намояндагӣ кунад;

- дигар ҳуқуқҳои муқараркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 4. Уҳдадориҳои мансабӣ

4.1. Уҳдадориҳои мансабии сардори Раёсат аз инҳо иборат мебошад.

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти Раёсат дахл доштаро якҷо бо бахши ҳуқуқ таҳия менамояд;

- дар санҷишҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш тибқи мӯҳлати пешбинишуда ҳисобот манзур менамояд;

- назорати бевоситаи риояи қонунгузорӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”-ро анҷом диҳад;

- роҳбарии умумӣ ва ташкили фаъолияти кормандони Раёсатро ба роҳ мемонад;

- дар асоси талаботи фармоиши Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.10.2025, №136 “Дар бораи Дастурамали коргузорӣ дар Дастгоҳи марказии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаву муассисаҳои тобеи он” ҷараёни назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, дархостҳо, супоришҳои мақомоти болоӣ ва роҳбарияти Вазоратро бо ҷалби масъулини назорати Шуъбаи коргузорӣ ва назорат ба роҳ мемонад;

- нисбати шахсоне, ки ба вайронкунии интизоми иҷро роҳ додаанд, дар хусуси андешидани чораҳои интизомӣ пешниҳод таҳия мекунад;

- шароити ташкилӣ-техникии фаъолияти вазир, муовинони вазир ва аъзои Ҳайати мушовараи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мақсади самаранок анҷом додани вазифаҳои ба онҳо вогузоргардида ташкил ва назорат менамояд;

- назорати умумии коргузорӣ ва рафти иҷрои супоришҳои аз тарафи мақомоти болоӣ воридгардидаро аз тарафи масъулини воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Вазорат амалӣ менамояд;

- ба кормандони Раёсат, дар доираи уҳдадориҳои мансабиашон супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро назорат ва талаб менамояд;

- ҳуҷҷатҳои воришударо аз рӯи тақсимоти дохилӣ ва вобаста ба вазифаҳои мансабии кормандон барои иҷро месупорад;

- лоиҳаҳои дастурамалҳои мансабии кормандони Раёсатро таҳия, мувофиқа ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар мақомотро дар якҷоягӣ бо кормандони Раёсат баррасӣ намуда, хулосаи Раёсатро омода менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Вазорат ҷаласҳои ҳайати Мушовара, маҷлисҳои умумивазоратӣ, маҷлисҳои назоратии назди вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонроташкил менамояд.

- рафти иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои Ҳайати мушовара ва супоришҳои протоколҳои маҷлисҳои назоратии назди вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз тарафи воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Вазорат ва воҳидҳои сохтории он назорат менамояд;

- дар доираи гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории дахлдор, қабул ва гусели ҳайати меҳмонони дохилӣ ва хориҷии ба Вазорат вобастакардашударо ташкил менамояд;

- нигоҳдории ҳолати биноҳои маъмурӣ ва хоҷагидории Дастгоҳи марказии Вазорат, рафти таъминоти кормандон бо маводҳои хоҷагидорӣ ва идорию таҷҳизоти электрониро ташкил ва назорат менамояд;

- дар тарғиби хизмати давлатӣ аз тариқи воситаҳои ахбори омма иштирок мекунад;

- ҳамчун узви ҳайати комиссияи тендерӣ, дар чараёни таҳияи рӯйхати хариди амвол ва маводҳои хоҷагидорӣ бевосита иштирок менамояд;

- назорати корҳои сохтмонӣ дар бинои маъмурии Дастгоҳи марказии Вазорат ва минтақаҳои ба он вобастагардидаро ба роҳ мемонад;

- чараёни иҷрои нақшаи кории Раёсатро назорат менамояд;

- ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи фаъолияти кормандони Раёсатро қабул ва баҳогузорӣ менамояд;

- дар муҳлатҳои муқаррааргардида оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва Раёсат ба вазир ҳисобот пешниҳод намояд;

- бо супориши роҳбарият дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ, чаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои ташкилнамудаи вазорат ва берун аз он иштирок менамояд;

- дигар уҳдадориҳои муқараркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 5. Масъулият

5.1 Сардори Раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;

- риоя накардани мавҷудиятҳое, ки дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» муқаррар намудаанд;

- барои риоя накардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи нақлиёт ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

- барои риоя накардани муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.06.2026, №355 “Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

- барои риоя накардани интизоми меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молу мулкӣ дар муҳлатҳои муқаррааргардида;

- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

- дигар масъулияҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

6.1. Дастурамалҳои мансабӣ дар як нусхаи аслӣ тартиб дода мешаванд. Нусхаи аслии дастурамалҳои мансабӣ баъди тасдиқ дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешавад. Хадамоти кадрӣ баъди гирифтани имзо ва нишон додани ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ нусхаи дастурамалро барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ба хизматчии давлатии маъмурӣ месупорад.

6.2. Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ барои истифодаи хизматӣ ба нусхаи электронии дастурамалҳо дар системаи идораи ҳуҷҷатҳо дастрасӣ доранд. Дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо ба таври худкор дар системаи мазкур сабт мегардад.

Мувофиқа карда шуд:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус — Ҳодизода К.

Бахши ҳуқуқ — Латиф М.М.

Шинос шуд: — Сардор Раёсати корҳо